# «Садақаи фитр»- покӣ аз олудагиҳо

﴿ زكاة الفطر طهرة للصائم ﴾

**[ Тоҷики – Tajiki – طاجيكية ]**

**Нависанда:** Абдулҳаннони Абдурраҳмон

Сомонаи васатият: www.wasatiyat.tj

2010 - 1431

islamhouse.com

# ﴿ زكاة الفطر طهرة للصائم ﴾

« باللغة الطاجيكية »

تأليف: عبد الحنان عبد الرحمان

موقع الوسطية: www.wasatiyat.tj

2010 - 1431

islamhouse.com

# «Садақаи фитр»- покӣ аз олудагиҳо

Аз Ибни Аббос (р) омада аст, ки мегуяд: «Паёмбари Худо закоти Фитрро барои пок гардидани рӯзадор аз беҳудагӣ, бадсуханӣ ва ҳамчунин барои фароҳам гардидани ғизои муносибе барои ниёзмандон воҷиб гардонид. Касе онро пеш аз намоз (яъне намози ид) адо намояд, он закоти пазируфташуда аст ва касе онро пас аз намоз адо намояд, он садақае аз садақот мебошад»

Дар рӯзи иди Фитр, яъне пас аз ба поён расидани моҳи муборaки Рамазон шариати поки ислом барои пайравонаш лозим донист то миқдори каме аз молашонро ба унвони «садақаи Фитр» барои фақирон ва мискинон дар он рӯз бидиҳанд. Садақаи Фитр сабаби покизагии нафси инсон, аз бархе беҳудагиҳо мебошад, ки имкон дорад гоҳо шахси рӯзадор дар ин моҳи  муборак ва дар вақти рӯза доштанаш ба он олуда шуда бошад, гузашта аз ин дар ин рӯзи хурсандӣ табақаи ниёзманди ҷомеа кам аз кам дар рӯзҳои ид аз хӯрок ва эҳтиёҷоти муносибе баҳраманд мегарданд, ки ҳадиси боло баёнгар ва равшангари он аст.

Садақаи фитр бар ҳар фардеки мусалмон, озод ва соҳиби нисоб бошад фарз гардонида шуда аст ва пардохти он пас аз дамидани субҳи рӯзи ид воҷиб мешавад. Ва мавриди ёдоварӣ аст, ки агар шахсе пеш аз дамидани субҳ вафот намояд ё пас аз дамидани субҳ ба дунё ояд, садақаи Фитр бар онон воҷиб намешавад. Агар навзоде пеш аз дамидани субҳ ба дунё ояд, дар суратеки падараш дорои шароити закот бошад, бар вай лозим аст, ки аз тарафи тифлаш садақаи Фитр бипардозад.

Шахси мусалмони озод ва соҳибнисоб садақаи Фитрро аз ҷониби худ, фарзандони хурдсол ва хидматгоронаш (агарчи кофир бошанд ҳам) мепардозад. Зан бояд садақаи Фитрашро худаш бидиҳад, вале агар шавҳараш онро аз ҷониби ӯ бипардозад дуруст аст.

## Миқдор ва вақти пардохти садақаи Фитр.

Миқдори садақаи Фитр барои ҳар фард бо ҳисоби гандум ним соъ ва бо ҳисоби ҷав, хурмо (инҷо мақсад аз хурмо ҳамон хурмои Арабӣ аст, ки рӯзаро бо он кушодан суннат аст) ва монанди онҳо як соъи пурра аст, ва дар ҳолати пардохтани арзиши яке аз онҳо низ ҷоиз ва кофӣ мегардад.

Як соъ баробар аст ба = 2156 грамм, яъне бештар аз ду килограмм.

Пардохтани садақаи Фитр аз вақти дамидани субҳи иди Фитр воҷиб мегардад ва мустаҳаб аст, ки он пеш аз рафтан ба намозгоҳ пардохта шавад.

Нофеъ аз Абдуллоҳ ибни Умар (р) ривоят мекунад, ки: «Паёмбари Худо моро ба пардохтани закоти Фитр пеш аз бароман мардум ба намоз амр намуд. Худи Абдуллоҳ як ё ду рӯз пеш аз ид онро пардохт мекард.»

Аз ҳадиси мазкур бармеояд, ки пардохтани он қабл аз рӯзи ид ҷоиз аст, ва агар онро аз рӯзи ид ба таъхир андозад аз зиммааш соқит намешавад.

Пардохтани садақаи Фитр бар ҳар фарди мусалмони озод ва соҳибнисоб хоҳ рӯза гирифта бошад ва ё не, воҷиб аст, ва бояд онро бар касоне дод, ки бар онҳо закот дода мешуд.

Дар охир дуогӯи онем, ки Худо ҳамаи моро дар пардохтани ҳақи мустаҳиқон пешгом намояд.